**ХУЛОСАИ**

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Дар шароити рушди муносибатҳои нави иҷтимоӣ зарурати воқеии ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои деҳот ва такмили механизми идоракунии он ба миён омадааст. Вай баҳри ташаккули механизмҳои идора ва таъмини рушди устувор равишҳои навро талаб мекунад. Таносуби майдони маҳалҳои деҳот ва шаҳр, мавҷудияти фарқият дар имкониятҳои онҳо, ташаккули иқтисоди инноватсионии мамлакат, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар кишвар аҳамияти махсуси деҳотро нишон медиҳад, ва муаммоҳои дар ин самт ба амал омада таҳқиқоти махсусро талаб мекунад.

Дар чунин шароит баланд бардоштани сифат, самаранокии идораи ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати аз тараф давлат гузарондашавандаи аграрӣ, минтақавӣ ва буҷетӣ муҳим ва зарур аст.

Талаботи рушди устувори иқтисодиёти милли ва рушди деҳот дар асоси усулҳои инноватсионӣ ва фишангҳои нави идоракунӣ ва таҳияи нави қарорҳои идории мақсадноки ҳудудҳои ноҳияҳо ва идораи рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои деҳотро боз ҳам зарууртар ва муҳим мегардондад.

Ба андешаи унвонҷӯ пеш аз бунёди механизми идораи рушди устувори ҳудудҳои деҳот бояд таҳқиқи назариявию усулии рушди устувор амалӣ кунонда шавад, ки бо мафҳумҳои «рушди устувор», «рушди иқтисодӣ», «бехатарӣ» алоқамананд.

Рисолаи илмӣ аз сарсухан, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар сарсухан муҳимияти масъала,ҳолати омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот,объект ва предмети

таҳқиқот, пойгоҳи итилоотии таҳқиқот, ҷиҳати навгонии корва аҳамияти амалии таҳқиқот нишон дода шудааст.

Дар боби якуми рисолаи илмӣ оид ба «Асосҳои назариявӣ ва методологии механизми рушди ҳудудҳои деҳот», аз он ҷумла ба моҳият, мазмун, хусусиятҳо ва тамоюли рушди ҳудудҳои деҳот, заминаҳои иҷтимои- иқтисодӣ ва принсипҳои рушди ҳудудҳои деҳот, такмили методологии механизмҳои таъминкунанда ва муаммоҳои асосии рушди устувори ҳудудҳои деҳот бараси намудааст. Муаллиф кушиш намудааст, ки дар асоси ҷамбасту фикру ақидаҳои олимони ватани ва хориҷи моҳият ва мазмуни «Ҳудудҳои деҳот»-ро таҳлил намуда, андешаи худро ироз намудааст. Ҳамзамон унвонҷӯ мавқеи худро нисбати механизми методологияи таъминкунанда ва муаммоҳои асосии рушди устувори ҳудудҳои деҳот муайян намудааст.

Дар боби дуюм паҳлуҳои ҷудогонаи масъалаи «Ҳолати муосири механизми рушди ҳудудҳои деҳот» аз он ҷумла таъмини рушди устувори вилояти Хатлон, самаранокии иҷтимоӣ- иқтисодӣ рушди ҳудудҳои деҳоти вилояти Хатлон, ҳолати омилҳои иниступсионали ва захиравии рушди устувори ҳудудҳои деҳоти вилояти Хатлон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Дар боби сеюми унвонҷӯ Мирзоев С.А. «Механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии ташаккулёбии рушди ҳудудҳои деҳот»-ро мавриди омӯзиш қарор дода ба масъалаҳои самтҳои ташкилию иқтисодӣ ҳамчун омили таъмини рушди устувори ҳудудҳои деҳот, механизми идоракунии устувори рушди ҳудудҳои деҳот, стратегия ва дурнамои рушди ҳудудҳои деҳот махсусан диққат додааст. Аз рӯи ин масъалаҳо муаллиф кӯшиш кардааст, ки таклифу пешниҳодҳоро омода намуда барои истифодаи амалӣ тавсия намудааст.

Рушди устувори деҳот ба андешаи унвонҷӯ Мирзоев С.А. дар асл ба муттаҳидии ҳадафҳои сифати баланди зиндагӣ, саломатӣ ва осоиштагӣ якҷоя бо адолат ва ҳифзи табиат ба даст меояд арзёби

намудааст. Ин ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ба ҳам алоқаманданд ва якдигарро дастгирӣ менамоянд.

Дар ҳақиқат ба андешаи унвонҷӯ ҳамаи мушкилоти рушди устувори минтақаҳои ҳамаи сатҳҳо барои ҳудуди деҳот низ мувофиқанд. Ҳудудҳои деҳот дар муқоиса бо сатҳи баландтар ҳамчун системаи кушода шартан ба се ҷузъи ба ҳам алоқаманд ҷудо мешавад: захираҳои табиӣ (захираҳои аввалия ва муҳити зист), иқтисодиёт (низоми истеҳсолӣ ва низоми инфрасохтор); ҷамъият. Ин се ҷузъ монанд ба занҷираи технологиеро ба вуҷуд меоранд, ки вазифаашон таъмини сифати баланди зиндагӣ дар ҳудудҳои деҳот буда ба таъмини минтақаи рушди устувори ҳудудҳои деҳот мусоидат мекунад.

Дар диссертатсия масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот чун масъалаи мубрам муҳими илми иқтисодиёт матраҳ шудааст. Дар сурати ҳалли худро ёфтани масоили ин соҳа некӯаҳволии халқ беҳ мегардад.

Унвонҷӯ ба хуби тавонистааст, ки барои ба мақсад расидан аз роҳу усулҳои муосире, ки имрӯз дар муносибатҳои бозоргони ҷой доранд, самарабахш ва оқилона истифода намояд.

Дар диссертатсия ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот хеле хуб арзёби шудааст. Бинобар ин ақидаҳои илмии иқтисодчиён ва тадбирҳои пешниҳодшудаи унвонҷӯй ҷиҳати болоравии иқтисодиёти кишвар дар заминаи рушди ҳудудҳои деҳот ба андешаи мо боиси дастгири аст. Дар сурати татбиқ гаштани усулҳои пешниҳод шуда шароитҳо ва корхонаҳои соҳаи мазкур рӯ ба беҳбуди ниҳода, иқтисодиёти кишвар рушд мекунад.

Ҳамзамон, унвонҷӯ дар рисолаи худ вазифаи муҳимтарини идораи имрӯза таъмини маъмурии рушди устувори деҳотро хуб арзёби намудааст. Рушди устувори ҳудудҳои деҳот яке аз мақсадҳои муҳимтарини стратегии сиёсати давлатӣ буда, дастрасӣ ба он имконият медиҳад, бехатарии хӯроквории мамлакат таъмин гардад, рақобат пазирии иқтисод ва некуаҳволии аҳолӣ баланд бардошта шавад.

Дар ин маврид ба рушди корхонаҳои калони соҳаи маҷмуи агросаноатӣ диққат додан зарур аст. Онҳо метавонанд дар бозори мамлакатҳои тараққикардаи кишоварзӣ рақобатпазир бошанд, ба рӯйдодҳои бухронӣ дар иқтисодиёти мамлакат тобовар гарданд, аз технологияҳои парвариши зироатҳои кишоварзӣ истифода баранд, парвариши чорво васеъ карда шавад, мушкилот ва таҷҳизоти муосир харидорӣ карда мавриди истифода қарор гирад.

Ҳангоми истифодаи равиши соҳавии рушди ҳудудҳои деҳот таъмини устувории иҷтимоию иқтисодӣ, боздошти раванди коҳиши аҳолии маҳалҳои деҳот ва таъмини такрористеҳсолкунии иқтидорҳои меҳнатӣ, интенсификатсия ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, зиёд намудани содирот дар ҷойи аввал меистад ва аз ҷониби унвонҷӯ хеле хуб таҳлил ёфтааст.

Бояд ёдовар шуд, ки оқилона ҷори ва истифода намудани амалиётҳои дар боло овардашуда таъсири мусбии худро ба раванди истеҳсолот мерасониданд, ки дар натиҷа ҳолати соҳаи кишоварзӣ беҳтар ва таъмини аҳолӣ бо маводҳои ғизои хубтар мегардад. Ҳамин тавр вай барои муайян намудани ҳолати ҳозираи соҳаи кишоварзӣ ва дар асоси он муайян намудани қазияҳои мавҷудбуда ва роҳҳои ҳалли онро муайян намудан кумак мерасонад.

Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки унвонҷӯ Мирзоев Суҳбатулло Авғонович бо дар рисолаи илмӣ аз маълумоту итилооти ин ҳисоботҳои омории расман эътирофшудаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарраёсатҳо, райёсатҳо, шуъбаю бахшҳои агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию-ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва ҳисоботҳои иниституҳои таҳқиқоти, монографиҳои олимонии ватанию хориҷӣ, маҳорати бо санати баланди касбӣ омӯзгор-корманди илми истифода кардааст.

Хулоса, диссертатсияи Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати

иҷтимоию иқтисодии давлат (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мутобиқ ба талаботи муқаррар карда Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ таҳрезӣ гардида, зимни матраҳнамоии мавзӯъ роҳҳои ҳалли масъалаҳои он ба василаи татбиқи усулҳои навини муосир хеле хуб нишон дода шудааст ва дар маҷмӯъ диссертатсияи томро ташкил медиҳад.

Мирзоев Суҳбатулло Авғонович мутахасиси аз ҷиҳати илмӣ пурра ташаккулёфта буда аз рӯи бештари масъалаҳои иқтисодиёти аграри мустақилона масъалагузори карда, оид ба ҳалли баъзе аз онҳо кушиш мекунад ки ҷавоб дода мавқеъи худро муайян созад.

Ҷиҳатҳои характернокии Мирзоев Суҳбатулло Авғонович аз он иборат аст, ки дар худ як ҷуръати илмӣ дорад: натарсида аз рӯи масъалаи муҳокимашаванда фикрашро байён мекунад. Ҳатто дар мавриде, ки мумкин фикру у ба ҳамкорон, олимон мухолиф бошад.

Дар ҳама ҳолат вай кӯшиш мекунад, ки фикрашро аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ асоснок карда, пешниҳод намояд. Ҳамавакт вариантҳои алтернативии ҳалли масъалаҳои иқтисодиро ҷусту ҷӯй мекунад. Ба андешаи ман ин яке аз ҷиҳатҳои мусбӣ, тарзи илмӣ, тафакури эъҷоди, қобилиятнокии Мирзоев Суҳбатулло Авғонович мебошад. Вай метавонад ҳодисаҳои иқтисодиро таҳлил кунад, кушиш мекунад, ки бо вай аз ҳама тараф нигоҳ карда баҳодиҳад. Вай бо диққат фаълона бо чунин мақолаҳои илмии иқтисодӣ диққат дода, кушиш мекунад онҳоро ёбад ва барои худ аз ин мақола ҷиҳатҳои илмияшро гирад ва дар кори илмии худ истифода намояд.

Хусусиятҳои дар боло зикр шуда ба Мирзоев Суҳбатулло Авғонович имкон дод, ки чунин мавзӯи замонавиро интихоб намояд ва аз рӯи ӯ таҳқиқоти илмӣ барад. Таклифу пешниҳодҳои дар рисолаи илми пешниҳод шудаи Мирзоев Суҳбатулло Авғонович на танҳо аҳамияти илми балки амали низ дорад.

Диссертатсияи Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, диссертатсия аз рӯйи итисоси: 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат мекунад ва онро муҳокимаи умум ва барои ҳимоя тавсия кардан мумкин аст.

**Роҳбари илмӣ:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. Корманди шоистаи Тоҷикистон — Шарифов З.Р.